# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна тахти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология.

Омӯзиш ва ба риштаи таҳқиқ кашидани вежагиҳои луғавию маъноии осори адибон, махсусан асарҳои насрӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Бояд қайд кард, ки дар осори насрии адабиву илмӣ вожаҳо бо маъноҳои мухталиф корбаст гардида, дар ҷараёни омӯзиш хусусият ва бойигарии забони даврро инъикос менамоянд. Дар ин раванд мавзӯи диссертатсионии Қодирова Фирӯза актуалӣ ва қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад.

Диссертатсия чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Маводи асосии диссертатсия аз матни асари ҷуғрофии асри XIII – «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммад Бакрон гирд оварда шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки бо кӯшиши докторант Қодирова Ф. асари номбурда дар асоси чопи факсимилеи дастхат баргардон, таҳия, тавзеҳ ва бори аввал дар Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Диссертант Қодирова Фирӯза бо истифода аз усулҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва оморӣ хусусиятҳои луғавӣ-маъноии асари номбурдаро дар доираи се боби кораш нишон додааст. Аз ҷумла, калимаҳои аслӣ ва иқтибосии таркиби асарро гурӯҳбандӣ намудааст; нақши калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъноро нишон додааст; ҳамчунин, мавқеъ ва саҳми номҳои зиёди марбут ба шохаҳои гуногуни ономастикаро дар «Ҷаҳоннома» мушаххас кардааст.

Дар қисмати охир муаллиф бардоштҳои худро дар доираи 12 банд натиҷагирӣ намудааст, ки комилан мутобиқи талаботи илми муосир мебошад.

Аз маводи гирдомада ва тарзи таҳлили онҳо бармеояд, ки докторант (Phd) Қодирова Фирӯза барои таълиф кардани чунин таҳқиқ осори зиёди илмию тахқиқии ба мавзӯъ рабтдоштаро мутолиа карда, дар ҳар маврид бо факту далел сухан меронад. Иқтибосу мулоҳиза ва таҳлилҳо ифшокунандаи онанд, ки ӯ доир ба мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш ва пажӯҳишҳои донишмандони ин соҳа маълумоту дониши кофӣ дорад. Барои шарҳу баррасӣ ва гурӯҳбандии калимаҳо ба маълумоти луғатномаҳои зиёди тафсириву этимологӣ такя намудааст ва ба ин васила аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузоштташуда бaромадааст.

Дар заминаи таҳқиқи мазкур муаллиф 9 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки далели арзиши муҳими назарӣ ва амалӣ доштани пажӯҳиши мавриди назаранд.

Дар маҷмӯъ, автореферати докторант (Phd) Қодирова Фирӯза бо забони шевои илмӣ таълиф шуда, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф мушаххасу дақиқанд. Сохтор ва муҳтавои он ба талабот ҷавобгӯ буда, навгонӣ, бартарӣ ва дастовардҳои назарраси илмиро дорост.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур, баробари муҳассанот, баъзе аз камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрири ояндаи кор манфиатбахш хоҳад буд:

1. Беҳтар мешуд, ки калимаҳои аслии куҳнашуда ва адабӣ-китобӣ бо зикри мисол (ҷумлаҳо аз асари мавриди таҳқиқ) муфассалтар мавриди таҳлил қарор дода шаванд;
2. Дар автореферати диссертатсия чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда арзиши таҳқиқи анҷомёфтаро кам намесозанд ва онҳо ислоҳпазир буда, ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қодирова Фирӯза таҳти унвони **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон»** ба

талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, докторант ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.


Номзади илми филология
бо ихтисоси 10.02.22.
- Забонҳои халқҳои мамолики
хориҷи Аврупо, Осиё, Африқо,
бумиёни Амрико ва Австролиё (забони тоҷикӣ),
дотсени кафедраи забони
тоҷикии Донишкадаи
давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода                    Насруллоев Муҳаммад

Сана: 03.04.2021
Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 93-405-52-55
E-mail: n.muhammad@mail.ru


Имзои Насруллоев Муҳаммадро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи С. Улуғзода                    Наҷмиддинов Шоҳиддин